«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
____________
«26» 01 соли 2021

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Абдуллоев Ҷамшед Темурович дар мавзӯи “Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)” дар кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар давраи таҳияи диссертатсия аспирант Абдуллоев Ҷамшед Темурович ба сифати мудири шӯъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дар ҳамбастагӣ дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқӣ фаъолият менамояд.

Абдуллоев Ҷамшед Темурович соли 2007 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз санаи 19-уми октябри соли 2020, таҳти № 4068 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Олимов Музаффар Абдувақосович мебошад.

**Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Дар шароити вусъати равандҳои ҷаҳонишавии ибтидои асри XXI кишварҳои Осиёи Марказӣ босуръат ба ҷомеаи башарӣ ворид шуда, аз ин равандҳо барканор намондаанд. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксари кишварҳои ҷаҳон робитаҳои судманди иқтисодию тиҷоратӣ, дипломатию фарҳангӣ дошта, чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба аъзогии тамоми созмону ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ пазируфта шудааст.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дӯстона ва ҳамсоягии некро бо Ҷумҳурии Қирғизистон баланд қадр намуда, борҳо оид ба инкишофи муносибатҳои ҳаматарафа дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳо ибрози андеша намудааст. Тавсеаи ҳамкориҳои минбаъда миёни давлатҳо, мустаҳкам гаштани ҳамсоягии нек ва шарикии баробар миёни ҷонибҳо ба манфиатҳои миллии дарозмуддати Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷавобгӯй мебошад.

**Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омилҳои зерин инъикос мегарданд:**

- дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя авлавияти хоссаро соҳиб буда, миёни онҳо Ҷумҳурии Қирғизистон ба сифати кишвари ба мо ҳамсарҳад мавқеи муносибро ишғол менамояд. Дар ин радиф Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои мутақобиларо бо Ҷумҳурии Қирғизистон ба роҳ монд, ки манфиати мутақобилаи ҷонибҳоро инъикос менамояд. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Қирғизистон ҳам дар шакли дуҷониба ва ҳам дар шакли бисёрҷониба дар доираи созмонҳои минтақавию байналхалқӣ, ба танзими масъалаҳои ҷавобгӯйи манфиатҳои тарафайн нигаронида шудаанд. Намунаи равшани ҳамкориҳои судманди Тоҷикистон ва Қирғизистон раванди сулҳи байни тоҷикон мебошад;

- таҳаввули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар оғози ҳазораи нав дар доираи ҳифзи манфиатҳои умумӣ возеҳ шудаанд. Ба муносибатҳои дучониба ҳодисаҳои сиёсии Қирғизистон дар солҳои 2005-2010 таъсири манфӣ нарасониданд. Инчунин дар ин давра низоми муносибатҳои байнидавлатии кишварҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ танзим гардиданд, ки асоси онҳоро Консепсияҳои сиёсати хориҷии кишварҳо ва дигар санадҳои ба имзо расида ташкил медиҳанд;

- дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар баробари дастовардҳо масъалаи сарҳад ва мушкилиҳои марбут ба он ба назар мерасанд, ки аз замони Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ монда, дар даврони истиқлолият бинобар истифодаи усулҳои фарқкунанда баррасии масъала то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Дар ин замина мушкилоти сарҳадӣ аксар вақт боиси коҳиши рушди муносибатҳои кишварҳо дар тамоми соҳаҳо гардида, метавонад ҳар лаҳза муносибатҳои ду кишварро дар ҳоли аз назари рушд номутаносиб қарор диҳанд. Дар алоқа бо ин ҷиҳати рафъи масоили мавҷуда вобаста ба мушкилоти сарҳадӣ байни кишварҳо аз соли 2000 комиссияи байниҳукуматии марзгузорӣ (делимитатсия) ва аломатгузории (демаркатсия) сарҳади давлатӣ амал менамояд, вале то ҳол танҳо нисфи сарҳади давлатӣ муайян ва тасдиқ шудаасту халос (аз 970 км танҳо 519 км);

- дар давраи истиқлолияти давлатӣ зарурати ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фаъолияти умумӣ дар низоми ягонаи хоҷагидорӣ ва сатҳи минтақавӣ ба миён омад. Дар ин замина самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Тоҷикистону Қирғизистон дар солҳои 1991-2000 нигоҳ доштани робитаҳои иқтисодӣ ва инкишофи онҳо дар шароити нав муайян шуданд;

- дар оғози асри XXI бо назардошти афзоиши омили иқтисодӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ ва болоравии равандҳои ҳамгироии минтақавӣ аҳаммияти таҳаввули ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии ҷонибҳо таҳлил гардида, самтҳои афзалиятноки рушди онҳо муайян гардид, ки он боиси мунтазам рушд ёфтани муносибатҳои ду кишвар дар ин соҳа гардид. Зеро,

маҳз дақиқият ва муайянсозии самтҳои афзалиятнок, ки манофеи тарафайнро қонеъ месозад боиси самаранокӣ ва рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ мегардад. Аз ҷумла, дар ин давра нишондодҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистан аз ҷониби сармоягузорони Қирғизистон боло рафта, он дар давраи солҳои 2007-2017 - 5,6 миллион доллари америкоиро ташкил менамояд;

- аҳаммияти бузурги ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар шароити муосир, рушду таҳаввули онҳо на танҳо барои тақвияти муносибатҳо дар соҳаҳои дигар замина гузошт, инчунин омили ҳифзи асолати фарҳангии мардуми Тоҷикистон ва Қирғизистон дар баробари хатарҳои ҷаҳонишавӣ мегардад. Аз ин рӯ, ин самти ҳамкорӣ дар давраи таҳқиқшаванда (солҳои 2001-2016) густариш ёфта, омили наздикшавӣ ва тақвияти ҳамкориҳо миёни ниҳодҳои фарҳангии давлатҳо мегардад.

Дар кори таҳқиқотии Абдуллоев Ҷамшед Темурович кушиши таҳлили ҳамаҷонибаи таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016) анҷом дода шудааст ва муаллиф тавонистааст, ки ҳадаф ва вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо иҷро намояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф усулҳои таърихӣ, системавӣ ва таҳлилӣ-муқоисавӣ истифода шудаанд. Истифодаи ин усулҳо ба мақсади арзёбии дурусти тағйиротҳои бунёдӣ дар минтақа, муайян кардани омилҳои барқарор ва инкишофи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ гардид.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки таҳқиқоти мазкур кушиши аввалин дар самти муайян намудани нақши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар сиёсати хориҷии давлат, таъсири омили сарҳадӣ ба муносибатҳои байнидавлатӣ ва роҳҳои тавсеаи робитаҳои дуҷонибаи давлатҳо ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти назариявии диссертатсия** дар истифодаи натиҷаҳои он дар илми таърихи ватанӣ ва ҳангоми навиштани китобу мақолаҳо марбут ба таърихи истиқлолияти сиёсӣ ва ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа, рисолаҳо, маводи таълимӣ оид ба сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ инъикос меёбад. Инчунин донишҷӯёне, ки дар риштаҳои гуманитарӣ ва байналмилалӣ таҳсил мекунанд, метавонанд аз натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва кори магистрӣ истифода кунанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифро метавон дар фаъолияти вазоратҳои корҳои хориҷӣ, маориф ва илм, фарҳанг, иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, ҷамъияти дӯстии халқҳо ва дигар сохторҳои дахлдор ҷиҳати беҳтар намудани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон истифода бурд.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадааст, ки сиёсати муваффақонаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият боиси рушди муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Қирғизистон гардида, дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистонро дар соҳаҳои манфиатбори ҳар ду ҷониб муайян намудааст.

Мавод ва усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда ба ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамоянд. Вобаста ба натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва тасдиқи расмӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои Оинномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод шудаанд, мутобиқат менамоянд.

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Муҳтавои диссертатсия дар 6 мақолаҳои дар маҷалаҳои илмии тавсеашудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда, инъикос мегардад:

[1-М] Абдуллоев, Ҷ.Т. Махсусияти ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Қирғизистон дар солҳои 2001-2008 [Матн] / Ҷ.Т. Абдуллоев, Ш. Шарипова // Паёми ДМТ. – 2017, №3/2. – С. 92-95.

[2-М] Абдуллоев, Дж.Т. Из истории таджикско-киргизских отношений в области культуры и литературы [Текст] / Ҷ.Т. Абдуллоев, Н. Файзов // Вестник ТНУ. – 2017, қисми II, №3/7. - С. 87-90.

[3-М] Абдуллоев, Ҷ.Т. Нақши Қирғизистон дар танзими низои байнитоҷикон [Матн] / Ҷ.Т. Абдуллоев // Паёми ДМТ. – 2018, №9. - С. 81-84.

[4-М] Абдуллоев, Ҷ.Т. Назаре ба таърихи шаклгирӣ ва рушди муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар даврони истиқлолият [Матн] / Ҷ.Т. Абдуллоев // Паёми ДМТ. – 2019, №1. - С. 104-111.

[5-М] Абдуллоев, Ҷ.Т. Ҷанбаҳои гуманитарии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа [Матн] / Ҷ.Т. Абдуллоев, Х. Д. Самиев // Паёми ДМТ. – 2019, қисми I, №5. - С. 41-47.

[6-М] Абдуллоев, Ҷ.Т. Ташаккули сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон дар замон шӯравӣ [Матн] / Ҷ.Т. Абдуллоев, С. Анвари // Паёми ДМТ. – 2020, №7. - С. 99-103.

Бинобар ин диссертатсияи пешниҳодшудаи Абдуллоев Ҷамшед Темурович таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва пурра анҷомёфта мебошад. Унвонҷӯ вазифаҳои гузошташударо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷро намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоев Ҷамшед Темурович дар мавзӯи: “Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) тавсия карда мешавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2020 қабул шудааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок намуданд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: "тарафдор" – 11 нафар; "бетараф" – нест, "зид" – нест.

Протоколи №2 аз 24 октябри соли 2020.

**Раиси ҷаласа, декани факултети муносибатҳои байналхалқӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент** **Х.Д. Самиев**

**Котиби ҷаласа, муовини декан оид ба илм ва равобити байналхалқӣ** **Б. С. Басиров**

**Имзоҳои Самиев Х. Д. ва Басиров Б. С. - ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Ш. Тавқиев**